# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-055 ДАР НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 6D050800-БАҲИСОБГИРӢ ВА АУДИТ

Парвандаи аттестатсионии № 8

Хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 19.12.2020, суратҷаласаи № 23

Барои сазовор донистани Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит.

Диссертатсия дар мавзӯи «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ» (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит, санаи 29 августи соли 2020, суратҷаласаи №19/а аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055, дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки он дар асоси фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2019 таҳти №166 ташкил гардидааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Докторант Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, 22 феврали соли 1985 таваллуд шудааст. Соли 2002 ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро ба ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дохил шуда, соли 2007 онро бо мувафаққият хатм намудааст. Айни ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити ДДТТ фаъолият дорад.

Тӯли солҳои 2009-2010 дар шӯъбаи магистратура ва солҳои 2016-2019 дар шӯъбаи докторантураи назди ДДТТ ба ҳайси доктори фалсафа (PhD) таҳсил намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент - Низомов Самариддин Фахриевич, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Шарифов Зариф Раҳмонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор - мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур;

- **Каримов Баҳодур Ҳасанович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент - мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудити Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

- **Муассисаи пешбар** - кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.

Осимӣ дар ш. Хуҷанд.

Тақризи мусбат, ки аз ҷониби н.и.и., дотсент Раупов К.С. навишта шудааст, дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи мазкур, санаи 27 ноябри соли 2020, суратҷаласаи №5, баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа н.и.и., муаллими калон Ҳасанов Ф.А. имзо гардида, аз ҷониби Директори Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд Саидӣ Дилафрӯз Раббизода, санаи 28 ноябри соли 2020 тасдиқ гардидааст.

Дар тақриз хулоса баровaрда шудааст, ки диссертатсияи Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович дар мавзӯи «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ» (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон) кори илмию таҳқиқотии мустақил ба анҷомрасида дониста шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит пурра мувофиқат карда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи муаллиф пурра мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамояд.

**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия**

**А) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

1. Бобоев Ш.Н. Хароҷоти бариловаи истеҳсолӣ: мушкилоти баҳисобгирӣ тибқи СБҲМ /Мирзоалиев А.А., Бобоев Ш.Н.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – 2017. – №2/9. – 300 с. ISSN 2413-5151. С. 15-19. (0,25 ҷ.ч.)
2. Бобоев Ш.Н. Муаммои пешгӯи хароҷот ва таъсири он ба натиҷаи фаъолияти молиявии корхона /Бобоев Ш.Н.// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. ISSN 2076-2569 №4 (253), 2018.-240с. С. 134-139. (0,25 ҷ.ч.)
3. Бобоев Ш.Н. Учет по сегментам деятельности: современные подходы /Бобоев Ш.Н., Халимов П.А.// Материалы XVIII международной научно-практической конференции Актуальные направления фундаментальных и прикладных исследований 11-12 февраля 2019 г. North Charleston, USA Том 2-103с. ISBN: 9780359452484 С. 73-78. (0,32 п.л.)
4. Бобоев Ш.Н. Управленческий учет и контроль затрат в энергетическом секторе: исторический ракурс /Бобоев Ш.Н.// Вестник таджикского государственного университета коммерции, 2019. ISSN 2308-054X – С.47-51. (0,30 п.л.)
5. Бобоев Ш.Н. Современное состояние и перспективы развития управленческого учета в энергетическом секторе путем внедрения метода ABC. /Низомов С.Ф., Бобоев Ш.Н.//: Вестник РТСУ №2 (70) -2020. ISSN 2077-8325, - С.62-71. (0,56 п.л.)
6. Бобоев Ш.Н. Таҳлили нишондиҳандаҳои истеҳсолии нерӯи барқ ва объектҳои истеҳсолкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон – Душанбе, 2020. ISSN 2308-054X – С.67-73.

(0,30 ҷ.ч.)

7. Бобоев Ш.Н. Учет затрат на электроэнергию: Особенности традиционных и потокоориентированных подходов /Бобоев Ш.Н.// Диалектика развития учетно-аналитических и контрольных инструментов: тренды цифровой экономики: монография / кол. авторов; под ред. И.В. Сафоновой, Х.Ш. Нурмухамедовой, А.А. Мирзоалиева. – Душанбе: ООО «График Принт», 2020. - 292 с. С. 236-257. (1,25 п.л.)

**Б. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:**

8. Бобоев Ш.Н. Таргет–костинг: история, достоинство и проблемы использования/Зарипов Э.Ш., Бобоев Ш.Н.// Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита /Материалы VI Международной научно-практической конференции (19-20 мая 2017г, г. Душанбе) – Душанбе: ОИПБА РТ, 2017. С. 125-128. (0,23 п. л.)

9. Бобоев Ш.Н. Особенности организация учет затрат в энергетическом секторе // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Масоили рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар шароити муосир” /Бобоев Ш.Н., Мирзоев М.// Маҷмӯаи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (20-21 феврали с. 2018, ш. Панҷакент). - «Зарафшон», 2018.- 220с. С. 161-165. (0,44 п.л.)

10. Бобоев Ш.Н. Особенности организации учета затрат по центрам ответственности Статья /Зарипов Э.Ш., Бобоев Ш.Н.// Международный теоретический и научно-практический журнал «Аудит и менеджмент». №2(2), 2019 – Душанбе, ISSN 2663-2756 С. 60-65. (0,75 п.л.)

11. Бобоев Ш.Н. Предпосылки развития стратегического управленческого учета /Низомов С.Ф., Бобоев Ш.Н.// Материалы VII -ой международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита» (21-22 сентября 2018 г, г. Душанбе) - Душанбе: ОИПБА РТ, 2018. - С. 107-110 (0,19 п.л.)

12. Бобоев Ш.Н. Калькулирование себестоимости продукции и ее значение в управлении /Бобоев Ш.Н.// Материалы международной научно-практической конференции «Таджикистан в условиях глобализации» (декабрь 2019 г. Душанбе). - Душанбе: ТГУК, - С. 166-169 (0,25 п.л.)

13. Бобоев Ш.Н. Ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот ва аҳамияти он дар идоракунӣ /Бобоев Ш.Н., Дилрабои Э.// Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар шароити муосир» (ДДТТ, ш. Душанбе, 6-7 декабри соли 2019). - Душанбе: ДДТТ, 2019 - С. 42-46 (0,25 ҷ.ч.)

**Ба унвонии автореферати диссертатсия такризҳои зерин ворид шуданд:**

**1. Сабырова Г.Ж. -** Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудити Академияи байналмилалии идоракунӣ, ҳуқуқ, молия ва бизнеси Ҷумҳурии Қирғизистон бо чунин эродҳо:

- Дар саҳифаи 38, расми 1-и автореферат, муаллиф модели ташкилии

баҳисобгирии идоракунии хароҷот барои корхонаҳои фурӯши баркро таҳия кардааст, аммо диссертант методикаи тақсимоти хароҷоти дохилихоҷагиро барои корхонаҳои фурӯши барқ наовардааст;

- Дар саҳифаи 41 автореферат муаллиф шакли ҳисоботи дохилии ширкатро таҳия кардааст, ки дар асоси маълумоти баҳисобгирии хароҷоти интиқол ва таъминоти энергия дар доираи маркази масъулияти "Хароҷот"-ро дар бар гирифтааст, аммо мутаассифона муаллиф истифодаи ин ҳисоботро дар фаъолияти ширкатҳои энергетикии ватанӣ пешбинӣ накардааст;

- Диссертант дар саҳифаи 40-и автореферат тафсири ҳисобҳои идоракунии бахши 8-и нақшаи ҳисобҳоро пешниҳод кардааст, аммо мутаассифона, истифодаи ин категорияҳои ҳисобро дар амалия намебинем ва муаллиф истифодаи ҳисобҳои дар боло овардашударо дар фаъолияти ширкатҳои энергетикӣ асоснок накардааст.

2. **Самадов И.Г. -** Номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи риёзӣ-иқтисодии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон бо эродҳои зерин:

- Дар саҳифаи 19 -уми автореферат ҷадвали №3 маълумот дар сатҳи зарурӣ таҳлил карда нашудаанд ва натиҷаҳои ба даст овардашуда шарҳ дода нашудаанд;

- Асоноккунии илмӣ ва роҳҳои ба даст овардани на ҳамаи навгониҳои илмӣ дар матни автореферати диссертатсия ҷой дода шудааст;

- Дар матни автореферат баъзе аз хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ ба назар мерасанд.

3. **Куганов Н.К. -** Номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи «Назарияи ииктисодӣ ва молия» -и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, бо эродҳои зерин:

- Аз ҷониби муаллиф дар автореферат (саҳ. 11) расми 1, модели ташкилии баҳисобгирии идоракунии хароҷот барои корхонаҳои таъминкунандаи барқ пешниҳод карда шудааст. Мутаасифона муаллиф дар кор ҷорисозии амалии ин моделро дар корхонаи ватании таъминкунандаи барқ (ба монанди Барқи Тоҷик) мавриди таҳқиқ қарор надодааст;

- Дар кор аҳамияти махсус ба ташкили таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии хароҷоти интиқол ва тақсими нерӯи барқ дода шуда, дар асоси пажӯҳиши ҳар як зинаи ҷараёни баҳисобгириву назорат марҳилаҳои муҳими он ҷудо карда шудаанд, (саҳ. 15) дар расми 2, таъмини баҳисобгирӣ - таҳлилии хароҷоти интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ марҳила ба марҳила нишон дода шудааст, вале дар марҳилаи 5-ум муаллиф хавфҳои дохиливу берунӣ, ки дар хароҷоти интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ ҷой доранд, таҳлил ва баҳодиҳии онҳоро дар зинаи макро нишон надодаст;

- Дар қисми назариявӣ-методологӣ ва умуман дар автореферат моҳияти танзими давлатӣ вобаста ба такмили механизми идоракунии соҳаи энергетикаи мамлакат нокифоя кушода шудааст.

4. **Кизь В.В. -** Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таъминоти иттилоотӣ-таҳлилӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ МТОБФД

«Донишгоҳи давлатии иқтисодӣ ва идоракунии Новосибирск - ДХХН» бо эродҳои зерин:

- Таҳқиқот судманд мешуд, агар ҳангоми баррасии таҷрибаи байналмилалӣ дар баҳисобгирӣ ва аудити хароҷоти истеҳсоли нерӯи барқ, на танҳо муқаррароти стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, балки амалияи мавҷудаи баҳисобгирӣ ва аудит ба назар гирифта шаванд;

- Ғайр аз он, дар таҳқиқот методикаи аудити баҳисобгирии хароҷот пурра ифшо карда нашудааст, фарқи байни методология вобаста ба намуди аудити дохилӣ ва берунӣ нишон дода нашудааст.

**5. Нурмухамедова Хуршеда Шербоевна.** - Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Донишгоҳи молияи назди Ҳукумати Федератсияи Руссия бо эродҳои зерин:

- Таҳлили амиқтари натиҷаҳои бадастомада дар истифодаи шаклҳои нави ҳисоботи идоракунӣ дар доираи марказҳои мушаххаси масъулият матлуб мебуд;

- Аз ҷиҳати назариявӣ, зарурати истифодаи гурӯҳи нави ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷот, ки дар саҳифаи 14 (Ҷадвали 1) оварда шудааст ба қадри кофӣ асоснок нагардидааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо дарназардошти ризоияти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 24 октябри соли 2019 таҳти №286) ва пешниҳоди комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба масъалаҳои рушди низоми бащисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти иҷронамуда аз ҷониби докторант:**

- **ҷанбаҳои назариявӣ-методӣ** ва ташкилии омӯзиши иқтисодӣ-рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷоти шабакаҳои барқӣ омӯхта шуда, мафҳуми муаллифии нерӯи барқ, бо хусусиятҳои эътирофи он ба сифати объекти баҳисобгирӣ, таснифи муаллифии унсурҳои асосии арзиши аслии нерӯи барқ дар корхонаҳои таъминкунандаи барқ, танзими ҳуқуқии онҳо ва хусусиятҳои ташаккули баҳисобгирӣ ва аудити идоракунии хароҷот пешниҳод гардидааст;

- **усулҳои гуногуни** идоракунии хароҷоти интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ, бо назардошти назарияҳои мавҷудаи консептуалӣ омӯхта шуда, бо истифодабарӣ аз методологияи таҳлили баҳисобгирии идоракунӣ, омилҳои таъсиррасон ба арзиши аслии мол ва хизматрасониҳо муайян гардида, дараҷаи таъсири онҳо ошкор карда шуд;

- **дар натиҷаи** гузаронидани таҳлили омилҳои асосие, ки ба арзиши

аслии мол ва хизматрасониҳо таъсир мерасонанд ва низоми нишондиҳандаҳои маҷмӯии баҳодиҳии натиҷаи молиявии корхонаҳои таъминкунандаи нерӯи барқ, бо назардошти хусусиятҳои хоси нерӯи барқ, пешниҳод гардидаанд;

- **модели иқтисодӣ-риёзии** таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба натиҷаи молиявии корхонаҳои таъминкунандаи барқ коркард карда шуда, модели оптималӣ ва муносиб шабакаҳо барқӣ пешниҳод гардид, ки ҳамчун заминаи асосии баланд бардоштани сатҳи он мусоидат менамояд. Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқот низоми нишондиҳандаҳои таъсиррасон муайян карда шуда, дараҷаи таъсири онҳо ба раванди интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ дар шабакаҳои барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардид;

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф ба таҳияи муқаррароти назариявӣ мусоидат намуда, маҷмӯаи онҳо ҳамчун саҳми муҳим дар ташкил ва пешбурди низоми мукаммали баҳисобгирӣ ва аудити идоракунӣ, такмили унсурҳои алоҳидаи амалияи баҳисобгирӣ, ҳисоботи дохили идоракунӣ ва аудит муайян карда шаванд. Хулосаҳо ва тавсияҳои таҳияшуда ҳангоми такмили ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии ташкили низоми муназзами баҳисобгирӣ ва аудити идоракунӣ истифода гардида, самаранокии татбиқи онҳоро меафзояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, балки аз ҷониби миқдори зиёди корхонаҳои истеҳсолкунанда, интиқолдиҳанда ва фурӯшандаи нерӯи барқ истифода шаванд.

- **асосҳои назариявию методии** таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешниҳодҳои назариявию тавсияҳои амалии илман асоскардашуда оид ба равандҳои ташаккул ва идоракунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои таъминоти барқ, эҳтиёҷ ба ташкили низоми мантиқан эътимоднок ва самарабахши баҳисобгирии хизматрасониҳо оиди интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ, сатҳи нокифояи истифодаи воситаҳои муосири баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот, татбиқи амалии баҳисобгирии идоракунии амалиётҳои хоҷагидории мазкур муҳимияти диссертатсия, интихоби мавзӯъ ва самти корро муайян мекунад.

- **вобаста ба предмети таҳқиқот** усулҳои абстраксияи илмӣ, усули меъёрӣ, усули коэффитсиентҳо ва моделсозии иқтисодию математикӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия – барои гузаронидани аудити хизматрасонӣ оиди интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ дар корхонаҳои таъминкунандаи энергия истифода гардиданд.

- **асоснок шудааст, ки** асосҳои назариявӣ-методӣ ва амалии равандҳои ташаккул ва идоракунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои таъминоти барқ, эҳтиёҷ ба ташкили низоми мантиқан эътимоднок ва самарабахши баҳисобгирии хизматрасониҳо оиди интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ, сатҳи нокифояи истифодаи воситаҳои муосири баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот, татбиқи амалии баҳисобгирии идоракунии амалиётҳои хоҷагидории

мазкур муҳимияти диссертатсия, интихоби мавзӯъ ва самти корро муайян мекунад.

**Исбот карда шудааст,** ки самаранокии заминаи иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба беҳтарсозии баҳисобгирии хароҷоти интиқол ва таъмини нерӯ муносибати маҷмӯии баҳисобгирию маъмуриро дар ташаккули он дар марҳилаҳои зерин таъмин менамояд: мониторинги омилҳои макроиқтисодӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили хароҷот, ҷамъбасти тартиботи таҳлилии нишондиҳандаҳои самаранокии назорати ҷараён, истифодаи усулҳои инноватсионии таҳлили хароҷоти стратегӣ (аз ҷумла, ҳангоми гузариш ба танзими ҳавасмандгардонӣ) таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳо дар низоми идоракунӣ барои хароҷот оиди интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- **муқаррароти асосӣ** ва натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти ШСХК «Барқи тоҷик» (санади татбиқ аз 30.11.2020 с.м.№5), Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, аз 27.11.2020 аз фанҳои баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ, буҷасозии ҳисоботи молиявӣ, аудит барои ихтисосҳои иқтисодӣ, Институти ҷамъиятии бухгалтерон ва аудиторони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 09.11.2020 мавриди тадбиқ қарор дода шудаанд.
- **натиҷаҳои** таҳқиқоти методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун заминаи маълумотҳо барои гузаронидани таҳқиқотҳо, коркард ва такмилдиҳии механизмҳои баҳодиҳӣ ва идоракунии хароҷоти шабакаҳои барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак мерасонад. Тавсияҳои амалӣ-назариявӣ барои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва ниҳодҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба баҳисобгирӣ ва аудити хароҷоти шабакаҳои барқӣ хело муҳим дониста мешаванд.

**Баҳодиҳии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамоянд, ки:**

- **назария** дар асоси муқаррароти эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот, таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон, аз рӯйи методология ба асарҳои олимони иқтисодшинос, аз ҷумла муҳосибону аудиторони хориҷию ватанӣ, ки ба таҳлили низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва омӯзиши нишондиҳандаҳои он машғул шудаанд, мувофиқ мебошад.
- назарияҳои асосӣ ва таҳлилҳо бо маводҳои дастурҳо, Паёмҳои солонаи Президенти кишвар, ки ба ин масъала бахшида шудаанд, барномаҳо ва Стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои истеҳсол, интиқол ва фурӯши нерӯи барқ, маълумоти омории маҷмӯаҳо, ҳисоботҳои нерӯгоҳҳои барқи, корхонаҳои таъминкунандаи барқӣ ва дигар нашрияҳои даврии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ШСХК «Барқи Тоҷик», Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи чопӣ ва электронии ВАО ва дигар маълумотҳои муаллиф, маводи илмии конфронсҳо ва ғайра асоснок шудааст.
- истифодаи ғояи асосии диссертатсия ба андешаи олимони соҳаи

баҳисобгирӣ ва аудит, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти таҳқиқот ва баҳодиҳии баҳисобгирӣ ва аудити хароҷоти шабакаҳои барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя мекунад.

- коркарди тавсияҳои илмӣ оид ба рушди чараёни навоварӣ имконияти пешрафти иқтисодиро таъмин намуда, барои баланд бардоштани сатҳи истеҳсол, интиқол ва фурӯши нерӯи барқ дар корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

**Саҳми шахсии докторант дар он зоҳир мегардад, ки:**

- ҷамъбастҳои назариявӣ, коркардҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар он овардашуда дастоварди шахсии муаллиф мебошанд. Муаллиф як қатор навгониҳои илмӣ, аз ҷумла муқаррарсозии илмӣ-амалии мафҳуми «Нерӯи барқ» ба сифати объекти алоҳидаи баҳисобгирӣ, таҳияи шакл ва мазмуни ҳисоботи муҳосибии идоракунии марказҳои масъулият, методикаи аудити хароҷоти интиқол ва тақсими нерӯи барқ, пешбинии асосноки дурнамои такомули низоми баҳисобгирӣ ва аудити идоракунӣ дар муҳити электронӣ пешниҳод намудааст.

- натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф дар амалия татбиқ карда шудааст (санади татбиқ аз тарафи ШСХК «Барқи тоҷик» аз 30.11.2020 с.м.№5, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, аз 27.11.2020, Институти ҷамъиятии бухгалтерон ва аудиторони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон) илова карда мешавад;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 13 корҳои илмӣ дар ҳаҷми умумии 6,18 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, нашр гардидаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти муаллиф солҳои 2016-2020 дар маводи конфренсияҳои илмию амалии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон рӯи чоп омадаанд.

Дар ҷаласа 19.12.2020 Шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит ба Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович қарор қабул намуд.

Дар рафти овоздиҳии пинҳонии шӯрои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои умумии шӯро «12»- нафар, аз ҷумла «4»- нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз «12»-нафар аъзои шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор «12»- нафар, муқобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

**Раисикунандаи Шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** А.К. Қурбонов

**Котиби илмии Шӯро,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** С.С. Мирзоев
**19.12.2020.**